# ИҚТИБОС АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №3

шӯрои дисертатсионии якдафъина дар заминаи шӯрои диссертатсинонии 6D.КОА-059 дар назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм

аз 07 сентябри соли 2023 ш. Душанбе

Ҳайъати шӯрои диссертатсионӣ бо шумораи 9 нафар тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок намуданд: 9 нафар.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ:** Амирзода О.Ҳ., доктори илмҳои техникӣ, дотсент.

**Иштирок намуданд:** Амирзода О.Ҳ., д.и.т., дотсент, раиси шӯрои диссертатсионӣ; Фазылов А.Р., д.и.т., дотсент, муовини раиси шӯро; Қодиров А.С. н.и.т., х.к.и, котиби илмии шӯро; аъзоён: Азизов Р.О., д.и.т., профессор; Икромов И.И., н.и.т., дотсент; Муртазоев У.И., д.и.г., профессор; Носиров Н.К., д.и.т., х.к.и.; Парвизи Ҳ., доктори фалсафа (PhD); Пулатов Я.Э., д.и.к., профессор.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Оид ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ **Гулов Аҳлиддин Боймуродович** дар мавзуи **«Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин.

<u>Аз руйи масъалаи 1-ум</u> Амирзода О.Ҳ. - раиси шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баромад намуда, суханро ба котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ Кодиров А.С. доданд.

Кодиров А.С. дар навбати худ қайд намуд, ки дар асоси протоколи №2 аз 22.06.2023 с. ба КОА назди Президенти ҶТ дархост фиристода будем. Аммо бо сабаби зиёд будани рӯзҳои истироҳатӣ банди 63 Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ иҷро нашуд (Суратҷаласаи №2 аз 22.06.2023 с. замима мегардад).

Амирзода О.Ҳ. аз ҳозирин хоҳиш намуд, ки пешниҳоди худро иброз намоянд.

Дар натиҷаи баррасӣ ба мувофиқаи зерин расиданд:

Кори диссертатсионии Гулов Аҳлиддин Боймуродович дар мавзуи «Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ ба ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин мувофиқат мекунад.

Гулов Аҳлиддин Боймуродович дар мавзуи «Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон» кори диссертатсионӣ иҷро намуда, яке аз масъалаҳои муҳимро оид ба баҳодиҳии тавозуни гидроэкологӣ ҳангоми истифодаи захираҳои об, таҳияи технологияи иноватсионии обёрии қатрагии боғи интенсивии себ, истифодаи устувор ва нигоҳдории ин системаи мазкур бо мақсади таъмини истифодаи самараноки захираҳои обу замин дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ҳал намудааст.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда мутобиқат мекунад, мавзуъ вобаста ба самтҳои афзалиятноки илмӣ дар ҷумҳурӣ интихоб шудааст ва маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб дарҷ гардидаанд.

Кори диссертатсионии Гулов Аҳлиддин Боймуродович дар мавзуи «Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин барои ҳимоя дар шӯрои дисертатсионии якдафъина дар заминаи шӯрои диссертатсинонии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шавад.

**Ба овоз монда шуд:**
**тарафтори – 9 нафар; зид – нест; бетараф – нест.**

**Пас аз овоздиҳи ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Гулов Аҳлиддин Боймуродович дар мавзуи «Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин тасдиқ карда шавад.
2. Хулосаи комиссияи экспертӣ бо раисии д.и.к., профессор Пулатов Я.Э., аз тафтиши диссертатсия дар асоси барномаи антиплагиат хулосабарорӣ шудааст, асолати матни диссертатсияро тасдиқ мекунад, ба инобат гирифта шавад.
3. Диссертатсияи Гулов Аҳлиддин Боймуродович дар мавзуи «Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз руйи ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин барои ҳимоя қабул карда шавад.

4. Рӯзи ҳимоя **“<u>16</u>” <u>ноябри</u> с. <u>2023</u>**, соати **<u>09:00</u>** таъин карда шавад.

5. Муқарризони расмӣ бо ҳайъати зерин таъин карда шавад:

- Храбров Михаил Юревич доктори илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.02 – Мелиоратсия, барқарорсзӣ ва ҳифзи замин, корманди пешбари илмии шуъбаи мелиоратсияи замини Муассисаи давлатии илмии буҷавии федералии Иниститути умуми Россиягии илмӣ - тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсияи ба номи А.Н. Костяков (МДИБФ ВНИИГиМ ба номи А.Н. Костяков).

- Нурзода Назар Нур – доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D081000 – Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

6. Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ба ҳайси муассисаи пешбар таъин карда шавад.

7. Матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои КОА назди Президенти ҶТ ва Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ҷой дода шавад.

8. Руйхати ирсоли автореферат ба ташкилот ва шахсон тасдиқ карда шавад.

9. Хулосаи комиссияи экспертӣ ба маълумот гирифта шавад.

Раиси шӯрои дисертатсионии якдафъина
дар заминаи шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-059, доктори илмҳои
техникӣ, дотсент Амирзода О.Ҳ.

Котиби илмии шӯрои дисертатсионии
якдафъина дар заминаи шӯрои
диссертатсионии 6D.КОА-059,
номзади илмҳои техникӣ
ходими калони илмӣ Қодиров А.С.

*Имзоҳои д.и.т., дот. Амирзода О.Ҳ. ва н.и.т., х.к.и., Кодиров А.С.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири Шуъбаи кадрҳо ва
коргузории ИМОГЭваЭ АМИТ Холназарова З.Д.